Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна дар мавзуи «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12. – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) пешниҳод шудааст.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ, ҳадаф, вазифаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12. – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) мувофиқ мебошанд. Дар диссертатсия масъалаҳои рушди асосҳои назариявию методологии сайёҳӣ, такмили шаклҳои ташкилию иқтисодии идоракунӣ дар соҳаи сайёҳӣ, арзёбии самаранокии иҷтимоию иқтисодии фаъолияти сайёҳӣ, механизмҳои танзим ва дастгирии давлатии соҳа, инчунин омилҳо ва самтҳои рушди сайёҳии дохилӣ ва воридшаванда мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Махсусан, таҳияи равишҳои методӣ барои арзёбии рушди устувори сайёҳии аграрӣ, асоснок намудани моделҳои ташкили он дар деҳот ва пешниҳодҳои марбут ба такмили механизми дастгирии давлатӣ мазмунан бо бандҳои дахлдори шиносномаи ихтисос иртиботи мустақим доранд.

Мубрамият ва аҳамияти мавзуи таҳқиқот. Дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ диверсификатсияи фаъолияти иқтисодӣ дар маҳалҳои деҳот, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани даромади аҳолӣ, ҳифзи мероси табиӣ ва фарҳангӣ ва истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ аҳамияти рӯзафзун пайдо менамояд. Дар ин замина сайёҳии аграрӣ ҳамчун самти байнисоҳавӣ имконият медиҳад, ки иқтидори кишоварзӣ, захираҳои табиӣ,

анъанаҳои миллӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва имкониятҳои соҳибкории деҳот дар як низоми ягонаи пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ муттаҳид гарданд.

Ин масъала барои вилояти Хатлон аҳамияти махсус дорад. Вилоят дорои иқтидори назаррасии кишоварзӣ, аҳолии зиёд дар маҳалҳои деҳотӣ, захираҳои гуногуни табиӣ ва фарҳангӣ, урфу одатҳои ғанӣ ва имкониятҳои васеи ташкили маҳсулоти сайёҳии ба муҳити деҳот алоқаманд мебошад. Бо вуҷуди ин, иқтидори мавҷуда ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ ба гардиши иқтисодии сайёҳӣ ворид нашуда, мушкилоти инфрасохторӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ, сармоягузорӣ ва институтсионалӣ суръати ташаккули бозори сайёҳии аграриро маҳдуд месозанд.

Аз ин рӯ, интихоби мавзуи «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» саривақтӣ буда, ба зарурати ҷустуҷӯи механизмҳои нави рушди иҷтимоию иқтисодии деҳот, таквияти шуғли аҳолӣ, афзоиши даромади хоҷагиҳои деҳқонӣ ва оилавӣ, беҳтар намудани инфрасохтори маҳаллӣ ва истифодаи устувори захираҳои табиӣ ва фарҳангӣ ҷавобгӯ мебошад. Мубрамияти таҳқиқот инчунин аз он бармеояд, ки сайёҳии аграрӣ дар Тоҷикистон ҳамчун самти нисбатан нави фаъолияти иқтисодӣ ҳанӯз ба такмили заминаҳои назариявӣ, методӣ ва ташкилию иқтисодии худ ниёз дорад.

Дараҷаи асосноқӣ ва муътамад будани муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия. Мақсади диссертатсия аз асоснок намудани заминаҳои назариявӣ ва коркарди равишҳои методӣ ҷиҳати таъмини рушди устувори сайёҳии аграрӣ ҳамчун шакли инноватсионии фаъолияти иқтисодӣ дар шароити деҳот иборат аст. Барои расидан ба ин ҳадаф муаллиф вазифаҳои ба ҳам пайвастро муайян намудааст: инкишофи асосҳои назариявии сайёҳии аграрӣ; таҳияи усули арзёбии рушди устувор ва асоснокии техникию иқтисодии лоиҳаҳои моделӣ; арзёбии самаранокии иҷтимоию иқтисодии

рушди сайёҳии аграрӣ ва таҳияи тавсияҳои илмию амалӣ барои такмили механизми ташкилию иқтисодии соҳа.

Пойгоҳи назариявию методии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии марбут ба рушди сайёҳӣ, кишоварзӣ ва деҳот ташкил додаанд. Дар раванди таҳқиқот усулҳои таҳлил ва синтез, таснифот, таҳлили иқтисодӣ ва оморӣ, таҳлили риёзӣ ва иқтисодӣ-математикӣ, муқоисавӣ ва таҷрибавӣ истифода шудаанд. Пойгоҳи иттилоотии кор аз маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохторҳои давлатии соҳаи сайёҳӣ ва кишоварзӣ, мақомоти омори вилояти Хатлон ва маводи таҳлилӣ иборат мебошад.

Эътимоднокии натиҷаҳо бо истифодаи маҷмуи маълумоти расмӣ, муқоисаи динамикаи нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, истифодаи алгоритмҳои арзёбӣ ва таҳлили як қатор индикаторҳои захиравӣ ва инфрасохторӣ таъмин шудааст. Дар қисмати методӣ муаллиф усули интегралии муайян намудани консентратсияи иқтидори захиравӣ барои рушди сайёҳии аграриро пешниҳод намуда, арзёбиро дар асоси маҷмуи беш аз 30 индикатор ва ҳафт бахши баҳодиҳӣ ба роҳ мондааст. Ин равиш барои гурӯҳбандӣ ва муқоисаи ҳудудҳо аз рӯйи сатҳи ҷаззобияти сайёҳии аграрӣ замина фароҳам меорад.

Навгонии илмии таҳқиқот. Навгонии илмии диссертатсия дар як қатор натиҷаҳои назариявӣ, методӣ ва амалӣ ифода меёбад. Пеш аз ҳама, муаллиф асосҳои назариявии сайёҳии аграриро ҳамчун самти нисбатан нави рушди иқтисодии деҳот таҳлил ва такмил дода, моҳият, аломатҳо ва ҷойгоҳи онро дар низоми муносибатҳои сайёҳӣ ва аграрӣ мушаххас намудааст. Дар ин замина таркиб ва унсурҳои механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ муайян карда шудаанд.

Дуюм, усулҳо ва меъёрҳои арзёбии сатҳи рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳот бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва захиравии онҳо коркард гардидаанд. Арзиши ин натиҷа дар он аст, ки дар муқоиса бо равишҳои умумӣ хусусиятҳои мушаххаси ҳудудӣ тавассути маҷмуи нишондиҳандаҳо ба ҳисоб гирифта шуда, имкони минтақабандӣ ва гурӯҳбандии ноҳияҳо аз рӯйи ҷаззобияти онҳо барои рушди сайёҳии аграрӣ ба вуҷуд меояд. Инчунин, дар диссертатсия масъалаи асоснокии техникию иқтисодии объектҳои моделии сайёҳии деҳот, талабот ба сармоягузорӣ ва самаранокии лоиҳаҳо бо дарназардошти сатҳи ҷаззобияти сармоягузории ҳудуд мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф моделҳои гуногуни рушди сайёҳии аграрӣ, аз ҷумла шаклҳои оилавӣ ва кооперативиро баррасӣ намуда, роҳҳои зиёд кардани даромаднокиро тавассути васеъ намудани хизматрасониҳои иловагӣ, истифодаи маҳсулоти маҳаллӣ ва экологӣ, тахфифҳои мавсимӣ ва афзоиши пешниҳоди маҳсулоти сайёҳии маҷмӯӣ пешниҳод кардааст.

Сеюм, равишҳои арзёбии самаранокии иҷтимоию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ аз мавқеи давлат, корхонаҳои кишоварзӣ, аҳолии деҳот ва худи сайёҳон муайян гардидаанд. Ин равиши бисёрсубъектӣ ба таҳқиқот хусусияти амалӣ медиҳад, зеро таъсири сайёҳии аграрӣ танҳо бо даромади як корхона маҳдуд нашуда, таъсиси ҷойҳои корӣ, афзоиши даромади аҳолӣ, васеъшавии манбаи андоз ва таъсири иҷтимоиро низ фаро мегирад.

Чорум, тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодӣ ва муҳити институтсионалии рушди сайёҳии аграрӣ пешниҳод шудаанд. Дар онҳо зарурати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи маҳаллӣ, рушди инфрасохтор, дастгирии соҳибкории оилавӣ ва кооперативӣ, омодасозии кадрҳо, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва ҷалби сармоягузорӣ асоснок карда шудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар рушди минбаъдаи тасаввуроти илмӣ оид ба моҳият, омилҳо ва механизмҳои рушди сайёҳии аграрӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои такмили назарияи иқтисодиёти сайёҳӣ, таҳқиқи шаклҳои диверсификатсияи фаъолияти иқтисодӣ дар деҳот ва омӯзиши робитаи мутақобилаи сайёҳӣ ва комплекси аграрӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки тавсияҳои муаллиф метавонанд дар фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои соҳавии сайёҳӣ ва кишоварзӣ, субъектҳои соҳибкории деҳот, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ташкилотҳои сайёҳӣ ҳангоми таҳияи барномаҳо ва лоиҳаҳои рушди сайёҳии аграрӣ истифода гарданд. Усулҳои арзёбии ҷаззобияти ҳудудҳо ва самаранокии лоиҳаҳои моделӣ метавонанд барои интихоби минтақаҳои афзалиятнок, асоснок намудани сармоягузорӣ ва банақшагирии рушди инфрасохтор хизмат кунанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот тавассути гузаронидани мушоҳидаҳо, дақиқии маълумот ва кифоягии ҳаҷми маводи тадқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои тадқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявию илмӣ таҳия карда шудаанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Саҳми шахсии Самандарова Зарнигор Умаровна дар гузориши масъалаи илмӣ, муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва коркарди маводи оморӣ, таҳияи равиши методии арзёбии иқтидори захиравӣ, гурӯҳбандии нишондиҳандаҳо, таҳлили вазъи сайёҳии аграрӣ дар вилояти Хатлон, асоснок намудани моделҳои ташкили фаъолияти агросайёҳӣ ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили механизмҳои идоракунӣ ва дастгирии давлатӣ ифода меёбад. Муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва хулосаҳои асосии диссертатсия бо мантиқи умумии таҳқиқоти муаллиф ҳамоҳанг мебошанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Муқарраротӣ асосӣ ва натиҷаҳои алоҳидаи тадқиқот дар як қатор семинарҳо, конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию амалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои тадқиқот ҳангоми таҳлили вазъи иҷтимоию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар вилояти Хатлон истифода шуданд. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асоснокшуда дар ҷараёни таълим дар ихтисосҳои равияи иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ҳамчун кумаки методӣ истифода бурда шуданд.

Таҳлили мухтавои диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми он 220 саҳифаро ташкил медиҳад. Дар кор 29 ҷадвал ва 7 расм оварда шуда, рӯйхати адабиёт 171 номгӯйро дар бар мегирад. Чунин сохтор ба мантиқи масъалагузорӣ — аз асосҳои назариявӣ то таҳлили вазъи воқеӣ ва пешниҳоди самтҳои рушди оянда — ҷавобгӯ мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ асоснок шуда, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, усулҳо, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ ва нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян карда шудаанд. Муқаддима дар маҷмуъ хусусияти консептуалии корро инъикос менамояд ва робитаи байни масъала, ҳадаф ва натиҷаҳои интизоршавандаро нишон медиҳад.

Боби якум — «Асосҳои назариявию методии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот» — ба омӯзиши моҳият ва хусусиятҳои сайёҳии аграрӣ, омилҳои таъсиррасон ва таҷрибаи хориҷӣ бахшида шудааст. Муаллиф мавқеи сайёҳии аграриро дар низоми намудҳои сайёҳӣ муайян намуда, фарқият ва умумияти онро бо сайёҳии деҳот, экологӣ ва дигар шаклҳои вобаста баррасӣ мекунад. Таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ имкон додааст, ки унсурҳои қобили мутобиқсозӣ ба шароити Тоҷикистон ҷудо карда шаванд. Аҳамияти ин боб дар он аст, ки он заминаи назариявӣ барои таҳлили минбаъдаи механизми рушди сайёҳии аграрӣ фароҳам меорад.

Боби дуюм — «Арзёбии рушди ташкилию иқтисодии сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳоти вилояти Хатлон» — қисми таҳлилии асосии кор мебошад. Дар он заминаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва захиравии рушди сайёҳии аграрӣ, иқтидори кишоварзӣ ва сайёҳӣ, вазъи субъектҳои хизматрасонӣ, инфрасохтор ва монеаҳои рушди соҳа таҳлил шудаанд. Муаллиф барои арзёбии иқтидори ҳудудҳо усули интегралиро истифода бурда, нишондиҳандаҳои мухталифи табиӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва инфрасохториро муттаҳид намудааст. Гузаронидани SWOT-таҳлил ва арзёбии динамикаи нишондиҳандаҳои соҳавӣ ба муаллиф имкон додааст, ки ҳам бартариҳо ва ҳам маҳдудиятҳои мавҷударо нишон диҳад.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар таҳлил маълумоти солҳои охир низ истифода шудааст. Аз ҷумла, тағйироти шумораи кормандон, сайёҳон ва даромади субъектҳои хизматрасонии сайёҳии вилояти Хатлон то соли 2024 баррасӣ гардида, тамоюли афзоиш ва ҳамзамон баъзе номутавозиниҳои сохторӣ муайян шудаанд. Ин ба қисмати таҳлилии диссертатсия хусусияти нисбатан муосир медиҳад.

Боби сеюм — «Дурнамо ва самтҳои рушди сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳоти вилояти Хатлон» — хусусияти пешниҳодию татбиқӣ дорад. Дар он моделҳои рушди сайёҳии аграрӣ, аз ҷумла моделҳои оилавӣ ва кооперативӣ, инчунин имконияти ташкили марказҳо ва деҳаҳои махсуси агросайёҳӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф зарурати баҳодиҳии пешакии ҷаззобияти ҳудуд, интихоби модели мувофиқ ва баъдан муайян намудани самаранокии иқтисодии лоиҳаро таъкид менамояд.

Дар зербоби марбут ба самаранокии иқтисодӣ масъалаи бизнеси оилавӣ, фаъолияти соҳибкори инфиродӣ ва кооперативи сайёҳии аграрӣ муқоиса шуда, зарурати таҳияи бизнес-нақшаи намунавии «Рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳа» пешниҳод гардидааст. Ба сифати омилҳои афзоиши даромаднокӣ васеъ намудани номгӯи хизматрасониҳо, истифодаи маҳсулоти маҳаллӣ ва экологӣ,

ташкили хизматрасониҳои иловагӣ, тахфифҳои гурӯҳӣ ва мавсимӣ пешниҳод шудаанд. Ин қисмат робитаи мустақими байни таҳлили назариявӣ ва қарорҳои соҳибкориро таъмин менамояд.

Дар зербоби 3.3 масъалаҳои танзим ва дастгирии давлатии сайёҳии аграрӣ баррасӣ гардида, зарурати ҳамкории мақомоти давлатӣ, соҳибкорон ва ҷомеаи маҳаллӣ, такмили муҳити институтсионалӣ ва ташкили механизмҳои дастгирии субъектҳои соҳа асоснок шудааст. Муаллиф таҷрибаи моделҳои байналмилалиро ҷамъбаст карда, барои Тоҷикистон истифодаи муносибати чандмоделӣ ва мутобиқ ба хусусиятҳои минтақавиро мувофиқ мешуморад.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи муқарраргардида. Аз рӯйи сохтор ва таркиби унсурҳои асосӣ диссертатсия ҳамчун кори илмии тахассусии анҷомёфта тартиб дода шудааст. Дар он мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи масъала, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, усулҳо, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва интишорот инъикос шудаанд. Мантиқи пайдарпайии бобҳо ва робитаи онҳо бо ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот дар маҷмуъ риоя гардидааст.

Муаллифи диссертатсия хеле хуб қайд намудаанд, ки дар шароити рушди муосир сайёҳии аграрӣ, ҳамчун самти нисбатан нав, вале дорои имкониятҳои рушдкунанда ва дурнамои васеъ, нақши торафт муҳимро дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо иҷро менамояд. Ин навъи фаъолияти сайёҳӣ ба аҳолии шаҳр имкон медиҳад, ки бо тарзи зиндагӣ, фарҳанг ва анъанаҳои хосаи аҳолии деҳот аз наздик шинос гарданд. (саҳ. 12).

Эродҳо ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия

Дар баробари ҷанбаҳои мусбат ва натиҷаҳои назаррасӣ илмӣ, дар диссертатсия баъзе масъалаҳое мавҷуданд, ки тавзеҳ ё такмили онҳо метавонист сатҳи илмӣ ва амалии корро боз ҳам баландтар гардонад:

1. Дар боби якум мафҳумҳои «сайёҳии аграрӣ», «сайёҳии деҳот» ва «сайёҳии экологӣ» аз дидгоҳҳои гуногун таҳлил шудаанд. Бо вуҷуди ин, хуб мебуд, агар муаллиф дар анҷоми таҳлили назариявӣ меъёрҳои дақиқи фарқгузории ин мафҳумҳоро дар шакли модели консептуалӣ ё ҷадвали муқоисавии муаллифӣ пешниҳод менамуд. Ин амал мавқеи назариявии муаллифро боз ҳам равшантар мегардонд.

2. Дар усули интегралии арзёбии консентратсияи иқтидори захиравӣ 30 индикатор ва ҳафт бахши баҳодиҳӣ истифода шудаанд. Хуб мебуд, агар дар диссертатсия асосноккунии муфассалтари интихоби вазни нишондиҳандаҳо, санҷиши ҳассосияти индекс ба тағйирёбии параметрҳо ва санҷиши устувории натиҷаҳои гурӯҳбандӣ оварда мешуд. Ин ба эътимоднокии методика ва имконияти истифодаи он дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ мусоидат мекард.

3. Қисмати таҳлилӣ асосан ба нишондиҳандаҳои макро ва мезосатҳӣ такя мекунад. Барои пурратар намудани арзёбии талаботи вокеии бозори сайёҳии аграрӣ хуб мебуд, агар натиҷаҳои пурсиши мустақими сайёҳон, хоҷагиҳои деҳқонӣ, соҳибкорони деҳот ва намояндагони ҷамоатҳо бо тавсифи ҳаҷми интихоб ва усули ҷамъоварии маълумот васеътар истифода мешуданд.

4. Дар боби дуюм динамикаи як қатор нишондиҳандаҳои то соли 2024 мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Бо назардошти он ки кори диссертатсионӣ соли 2026 пешниҳод мешавад, истифодаи маълумоти пурраи солҳои 2025 метавонист қисми эмпирикиро боз ҳам муосиртар гардонад.

5. Дар боби сеюм моделҳои оилавӣ, кооперативӣ ва дигар шаклҳои рушди сайёҳии аграрӣ ба таври муфассал баррасӣ шудаанд. Бо вуҷуди ин, хуб мебуд, агар барои ҳар як модели пешниҳодшуда ҳадди ақали сармоягузорӣ, муҳлати бозгашти сармоя, нуқтаи безарарӣ ва сенарияҳои эҳтимолии хавф дар шакли ҷадвали муқоисавӣ ҷамъбаст карда мешуданд.

6. Диссертатсия зарурати дастгирии давлатӣ ва ҳамкории давлат, бизнес ва ҷомеаи маҳаллиро дуруст таъкид менамояд. Вале механизми мушаххаси

маблаггузории чораҳои дастгирӣ — манбаъҳои эҳтимолии буҷетӣ, қарзҳои имтиёзнок, грантҳо, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва саҳми худи соҳибкорон — метавонист бо нишон додани масъулияти субъектҳо ва марҳилаҳои татбиқ муфассалтар пешниҳод гардад.

7. Дар масъалаи рушди устувор ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нисбатан хуб таҳлил шудаанд, аммо низоми нишондиҳандаҳои экологӣ, аз ҷумла сарборӣ ба захираҳои обу замин, идоракунии партовҳо, ҳифзи гуногунии биологӣ ва иқтидори кобили қабули ташрифи сайёҳон метавонист муфассалтар асоснок карда шавад. Ин барои мутобиқ намудани модели пешниҳодшуда ба принсипҳои сайёҳии устувор аҳамияти хос дорад.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ ва баҳсӣ дошта, мазмун ва аҳамияти илмии натиҷаҳои асосии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Баръакс, онҳо самтҳои имконпазири идомаи таҳқиқот ва такмили минбаъдаи методикаи пешниҳодшударо нишон медиҳанд.

Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия

Диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна дар мавзуи «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқоти илмии мустақилона ва анҷомёфта буда, дар он масъалаи дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ — ташаккули заминаҳои методӣ ва механизми ташкилию иқтисодии рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар шароити минтақаҳои деҳот — мавриди ҳалли илмӣ қарор гирифтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дорои унсурҳои навгонии илмӣ буда, аз таҳияи равишҳои методии арзёбии сатҳи рушди сайёҳии аграрӣ, асоснок намудани моделҳои ташкили фаъолияти агросайёҳӣ, арзёбии самаранокии иҷтимоию иқтисодӣ ва пешниҳоди самтҳои такмили танзим ва дастгирии давлатӣ иборат мебошанд. Муқаррарот ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ, субъектҳои соҳибкории сайёҳӣ ва

кишоварзӣ, инчунин дар раванди таълим ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ истифода шаванд.

Аз рӯйи мазмун, сатҳи иҷро, навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна ба талаботи муқарраргардида нисбат ба диссертатсияҳои барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳодшаванда ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12. – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) мебошад.

Муқарриз:
д.и.и., мудири шуъбаи таҳқиқоти
сайёҳии ИИТСС ДБССТ Ёров Ҷ.Н.

«17» окт. соли 2026

Имзои Ёров Ҷ. Н. - ро тасдиқ мекунам.
Сармутахассиси РК ва КМ-и ИИТСС Қурбонов Э.

Суроға: ш. Душанбе, к. Борбад 47/8